# Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 21 Ноябр, 2025 - 15:55
[1]

Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода дар Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвонии «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ» бахшида ба амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзииши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоиҷикистон барои давраи то соли 2030», ки дар дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор шуд, иштирок намуд.
Дар ҳамоиш иштирокчиён дар бораи ташаббусҳои беназиру мондагори Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ дар ин самт ва боз ҳам баланд бардоштани мавқеи омӯзгор дар ҷомеа маърузаҳои пурмуҳтаво намуданд.
Раиси Кумита Сахидод Раҳматуллозода дар мавуи «Забони тоҷикӣ сарвати бебаҳои миллати тоҷик» баромад намуда, изҳор дошт, ки забондонӣ-ҷаҳондонӣ буда, дар баробари забони давлатӣ донистани забони миллатҳои гуногуни дунё миллатро муаррифии шоиста менамояд ва давлатро ба пешравию муваффақият ноил мегардонад. Дар баробари ин «ҳар кадоми мо зарур аст, ки ба арзишҳои бузурги миллӣ, аз қабили Ватан, модар, истиқлоли давлатӣ, забон ва таъриху фарҳанги ғановатманди худ арҷгузорӣ намуда, забони модариро ба фарзандони худ омӯзонем, зеро забони модарӣ сарчашмаест, ки фарзандро ба асолати миллӣ пайванд медиҳад», -афзуд Раиси Кумита.
Иброз гардид, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар замони муосир, ки равобити иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои дуру наздик босуръат густариш меёбад, хеле муҳим мебошад. Ҳукумати мамлакат ва шахсан Пешвои миллат бо мақсади омӯзиши ҳарчӣ бештари забонҳои хориҷӣ барои муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ шароити мусоид фароҳам овардаанд. Ба истифода аз ин шароит барои ҳамаи донишҷӯёни донишгоҳ, сарфи назар аз ихтисосашон омӯхтани ҳадди ақалл ду забон- яъне русию англисӣ шарт ва зарур аст. Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи мутахассисон ва сатҳу сифати касбии онҳо ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир намуда, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосир ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирро, ки вазифаи асосии муассисаҳои олии ҷумҳурӣ ба шумор меравад, таъкид менамоянд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Ҳоло баҳо надорад

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

- 

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/konferensiyai-ilmi-amalii-chumkhuriyavii-masalakhoi-mubrami-omuzishi-zabonkhoi-horichi?page=53

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/587237834_1221814839924623966_7542399700807469886_n.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/584996809_122181484082462396_2788530088121506000_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/585614377_122181484034462396_8366454016543959661_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/587237834_122181483992462396_7542399700807469886_n.jpg